ТАҚРИЗ

ба диссертатсияи Маҳмадзод Фирӯз Маҳмад дар мавзуи «Равандҳои геополитикӣ ва таъсири онҳо ба вазъи сиёсии Осиёи Марказӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050200 - Сиёсатшиносӣ (6D050204 – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ)

Мутобиқати мухтавои диссертатсия ба номи мавзуъ ва ихтисосе, ки тибқи он таҳқиқот анҷом дода шудааст

Замони муосири ҷаҳонишавӣ бархӯрдҳои геополитикиро вусъат бахшидааст. Ин ҳолат боиси осебпазир гардидани вазъи сиёсӣ дар ҷаҳон, хусусан дар минтақаҳои алоҳидаи он гардидааст. Дар ин радиф яке аз амалҳои муҳимму зарурӣ ин андешидани чораҳои пешгирикунанда бо мақсади ҳифзи фазои сиёсию идеологии ҷомеаҳо мебошад.

Хусусияти дигари ҷаҳонишавӣ дар он аст, ки он вобастагии байни кишварҳоро дар заминаи ҷойгиршавии минтақавии онҳо боло бурдааст. Дар натиҷа талоши кишварҳо баҳри муттаҳид гаштан ба созмону ташкилотҳои минтақавӣ вусъати тоза пайдо намуда истодааст. Ҳамаи он амалҳо бо мақсади таъмини истиқлоли давлатӣ ва тамомияти марзию ҳудудии кишварҳо анҷом дода мешаванд.

Вобаста ба ин минтақаи Осиёи Марказӣ дорои хусусияти хоси геополитикӣ мебошад. Воқеияти сиёсӣ нишон дода истодааст, ки консепсияи давлати миллӣ бо ғояҳои ҷаҳонишавӣ дар нуктаҳои калидии худ бархӯрд дошта, боиси пайдоши ихтилофу зиддият гашта истодааст.

Маълум аст, ки яке аз ғояҳои марказии ҷаҳонишавӣ аз байн бурдани марзҳои давлатҳои миллӣ мебошад. Пас, дар чунин шароит бо кадом роҳу василаҳо ҳифз намудани истиқлоли давлатӣ ва ҳуввияти миллӣ суолест, ки ҷавҳари мавзуи таҳқиқшавандаро ташкил медиҳад. Муайян ва асоснок намудани таҳдиду хатарҳо, ошкор намудани табиати иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодию фарҳангии онҳо, инчунин арзёбии сатҳи хатарнокии онҳо барои ҷомеаи Тоҷикистон аз диди таҳлилӣ аҳамияти хос дорад. Ҷанбаи мазкур сатҳи мубрам будани мавзуи диссертатсияи ташхисшавандаро боло мебарад.

Афзалиятнокии таҳқиқот дар он аст, ки шароити ҷаҳонишавӣ ва омилҳои вобаста ба он доимо имкони таъсиррасонӣ ба рушду таҳкими минтақаи Осиёи Марказиро дошта, неруҳои манфиатдор кӯшиш мекунанд, ки масири рушди кишварҳоро вобаста ба мақсадҳои худ шакл диҳанд. Дар чунин шароит фақат дар заминаи консепсияҳои илман асоснок ва коркардшуда метавон моҳияти ин таъсиррасониҳоро муайян ва роҳҳои муқовимат ба онҳоро тарҳрезӣ намуд. Дигар ин ки, мавқеи

геополитикии минтақа диққати неруҳои манфиатдорро доимо ба худ ҷалб намуда меистад. Дар чунин шароит ҳам мавқеъгирии дурусти стратегӣ хеле муҳим мебошад. Нуктаҳои зикргардида муҳиммият, мубрамият ва мақсаднокию афзалиятнокии таҳқиқоти диссертатсиониро муайян мекунад.

Дар раванди таҳлили ҷанбаҳои илмию назариявии мавзуъ муаллиф асарҳои доираи васеи олимони хориҷӣ ва ватаниро мавриди омӯзиш қарор дода, тавонистааст дар шакли умумӣ диди худро вобаста ба ин ҷанбаи масъала шакл диҳад. Дар асоси муносибати маҷмӯӣ ба консепсияҳои гуногуни илмию назариявӣ моҳият, мазмун ва хусусияти таҳдидҳои геополитикиро ба минтақаи осиёи Марказӣ асоснок намудааст.

Таҳқиқи мавзуи ташхисшаванда ба қатори масъалаҳое дохил мешавад, ки моҳияти амиқи амниятӣ дошта, натиҷа ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодшавандаи муаллиф метавонанд ҳангоми таҳияи санадҳои зарурӣ дар ин самт истифода шаванд.

Нуктаи дигаре, ки аҳамияти илмию амалии диссертатсияи мазкурро асоснок мекунад, ин коркард ва муайян намудани консепсияи мустақили таҳқиқотӣ аз ҷониби муаллиф мебошад, ки тавассути он омӯзиши масъаларо дар доираи муайяни таҳқиқотӣ ба амал барорад.

Нуктаҳои зикргардида аҳамияти амалии таҳқиқотро тақвият мебахшанд.

Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ

Диссертатсия ҷанбаи қавии назариявию методологӣ дошта, муаллиф нуктаҳоеро мавриди таҳлилу омӯзиш қарор додааст, ки дорои аҳамияти хоси илмию амалӣ мебошанд. Аз он ҷумла, бо истифода аз методҳои сохторию функсионалӣ, таҳлилию муқоисавӣ ва таҳлилу синтез тавонистааст ҷанбаҳои таърихӣ, сиёсӣ, иҷтимоию фарҳангии инкишофи давлати миллиро дар шароити ҷаҳонишавӣ асоснок намояд.

Бо инобати шароитҳои гуногуни таърихии ташаккул ва инкишофи давлатҳои миллии минтақаи Осиёи Марказӣ муаллиф тавонистааст масири таърихиеро дар низоми таҳлили илмӣ шакл диҳад, ки бозгӯйи ҳақиқати таърихӣ дар бораи талошҳои кишварҳои минтақа дар роҳи ҳифзи манфиатҳои миллии онҳо дар шароити муосири геополитикӣ мебошад.

Муаллиф кӯшиш намудааст, ки хусусият, шакл ва сатҳи таъсиррасонии омилҳои гуногуни геополитикиро ба раванди инкишофи давлатҳои минтақа арзёбӣ ва баҳогузорӣ намояд.

Муаллиф нуктаи назари мустақили худро вобаста ба мушкилиҳо ва дурнамои пайдоиши таҳдидҳои геополитикӣ ба суботи минтақаи Осиёи Марказӣ объективона ва асоснок баён намудааст. Ин нуктаи хеле муҳим

аст, зеро ҳар як муаллиф масъаларо аз диди худ арзёбӣ ва баҳогузорӣ менамояд. Дар ин ҷо асосноккунии мушкилоту монеаҳо аҳаммияти хоси амалӣ дорад.

Сохтори диссертатсия аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулосаю тавсияҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 193 саҳифаи матни компютериро дар бар мегирад ва ба талаботи ба диссертатсияҳои номзадӣ пешниҳодшаванда ҷавогӯй аст. Аз диди мантиқӣ бобҳо ва зербобҳо бо ҳам алоқаманд буда, дар доираи онҳо масъалаҳои муҳимми барои таҳқиқи масъалаи таъсири геополитикии кишварҳои гуногун ба вазъи сиёсӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ мавриди таҳлили ҳаматарафа ва дақиқ қарор гирифтаанд.

Теъдод ва мувофиқати интишороти натиҷаҳои асосӣ ба талаботи мавҷуда

Муаллифи диссертатсия оид ба мавзуи ҳимояшаванда 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва 6 мақола дар дигар маҷаллаҳо ба табъ расонидааст, ки онҳо ифодакунандаи муҳтавои муқаррароти асосии диссертатсия мебошанд. Аз унвонии мақолаҳои овардашуда бармеояд, ки ҳамаи онҳо вобаста ба масъалаҳои асосии дар диссертатсия баррасишаванда таълиф шудаанд.

Хулоса

Диссертатсияи Маҳмадзод Фирӯз Маҳмад дар мавзуи «Равандҳои геополитикӣ ва таъсири онҳо ба вазъи сиёсии Осиёи Марказӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050200 - Сиёсатшиносӣ (6D050204 – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ) пешниҳод шудааст, ба масъалаи муҳимми дорои аҳаммияти илмию амалӣ бахшида шудааст. Он кори илмии мустақилона иҷрошуда ва ба анҷомрасида мебошад, ки дар доираи он натиҷаҳои муҳимму зарурӣ ва барои ҷомеа аҳамиятнок ба даст оварда шудааст.

Дар раванди таълифи диссертатсия ҳамаи муқаррароти аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайяншуда, ба пуррагӣ риоя гардидааст.

Автореферат ва интишороти муаллиф муҳтавои диссертатсияро ифода мекунанд.

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон хулоса намуд, ки диссертатсияи Маҳмадзод Фирӯз Маҳмад дар мавзуи «Равандҳои геополитикӣ ва таъсири онҳо ба вазъи сиёсии Осиёи Марказӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050200 -

Сиёсатшиносӣ (6D050204 – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ) дар доираи муқаррароти муайяншуда таълиф ва ҳимоя шуда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси зикргардида мебошад.

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои фалсафа, профессор,
узви КМИР ҶТ М.Хидирзода

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ 42.тел:+992 918 63 97 54.
e-mail: makfirat@mail.ru

«Имзои М.У.Хидирзодаро тасдиқ мекунам»
Сардори Раёсати кадрҳои КМИР ҶТ
А.Нормухамедов

КОМИССИЯИ МАРКАЗИИ ИНТИХОБОТ ВА РАЪЙПУРСИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * ЦЕНТРАЛЬНАЯ КОМИССИЯ ПО ВЫБОРАМ И РЕФЕРЕНДУМАМ Р.Т. *
ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

15.06.2026.